**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**

**Парвандаи аттестатсионии №____________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 03.06.2026, таҳти №12**

Барои сазовор донистани Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих.

Диссертатсия дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX — ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунаро 04-уми марти соли 2026, суратмаҷлиси №6, шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида, аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст) ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим 20 апрели соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Пас аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №39-и ноҳияи Кушониён (2010) ба факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа (ҳоло Бохтар) дохил шуда, соли 2014 зинаи бакалавр ва соли 2016 зинаи магистратураро аз рӯйи ихтисоси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ бомуваффақият хатм намуд.

Фаъолияти меҳнатии Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим аз соли 2016 оғоз мегардад. Аз соли 2018 то ин ҷониб ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи Давлатии Бохтар фаъолият дорад.

Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар аз 26.02.2021 таҳти №84-ФА ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик қабул гардидааст.

Мавзуи рисолаи илмии Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX – ибтидои асри XXI» дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар аз 29 декабри соли 2020, таҳти №05 зери роҳбарии доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Саидов Ҳомид тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (аз 26.08.2025, протоколи №1).

**Роҳбари илмӣ**: Саидов Ҳомид – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Комилова Хосият Ғуфроновна** - доктори илмҳои таърих, профессор, сардори раёсати илм, инноватсия, робитаҳои байналмилалӣ ва табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

**Ҷаъфарзода Сайҳомид Хайриддин** – номзади илмҳои таърих, декани факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар**: Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе).

Дар тақризи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Алуев А.С., ташхисгар – номзади илмҳои таърих, дотсент Мамадазимов А.А., котиби ҷаласа номзади илмҳои таърих, дотсент Насриддинзода М.Н. (суратмаҷлиси №10, аз 02.05.2026) имзо ва аз ҷониби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Д.Ҷ. тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим бо назардошти навгонии илмӣ, мубрамӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалияш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Рисола дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна мебошад.

Унвонҷӯ муаллифи 6 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

[1-М]. Гуломов, А.М. Некоторые особенности функционирования Организации исламского сотрудничества на современном этапе ее развития [Текст] / А.М. Гуломов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2020. – №9. – С.46-51.

[2-М]. Гуломов, А.М. Баъзе вижагиҳои фаъолияти Созмони ҳамкории исломӣ дар марҳилаи кунунии рушду такомули он [Матн] / А.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022. – №5. – С.78-84.

[3-М]. Ғуломов, А.М. Саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар тавсеаи робитаҳои кишвар бо Созмони ҳамкории исломӣ [Матн] / А.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022. – №7. – С.64-71.

[4-М]. Ғуломов, А.М. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ: марҳилаҳои асосӣ дар рушди муносибот [Матн] / Ҳ.С. Саидов, А.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022. – №12. – С.57-63.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

[5-М]. Ғуломов А.М. Саҳми Пешвои Миллат дар равобити Тоиҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар марҳиллаи навин // Маводи Конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик» Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. 29.04.2025. – С. 207–209.

[6-М]. Ғуломов А.М. Ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмони ҳамкории исломӣ // Маводи Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. 13.06.2025. – С. 319–323.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои таърих, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ҳомидзода Ф.М. Тақриз мусбат аст, эрод надрад.
2. Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ Изатов У.Х. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.
3. Номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара Алишери А. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

4. Номзади илмҳои таърих, дотсент, сардори шуъбаи илм ва инноватсияи Донишкадаи байналмилалии Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда як эрод дорад. Эрод чунин аст: Дар матни автореферат ва рисола баъзе ғалатҳои ночизи имлоӣ ва техники (масалан, дар навишти номи баъзе созмонҳои фаръӣ ва истинодҳо) ба чашм мерасанд, ки албатта, ба мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6.1.2. Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд**: Мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар охири асри XX – ибтидои асри XXI таҳқиқу баррасӣ гардид.

- **ошкор менамояд**, ки марҳалаҳои асосии тавсеаи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар доираи чаҳорчӯби таърихӣ то чӣ андоза рушду такомул ёфт.

- **пешниҳод шудааст,** ки айни замон рушду тавсеа ёфтани муносиботи Созмони ҳамкории исломӣ бо ҷамоҳири Осиёи Марказӣ, ки ба тозагӣ истиқлоли сиёсии худро дарёфт кардаанд, дар «Барномаи Амали даҳсолаи Созмони ҳамкории исломӣ (2016–2025) барои Осиёи Марказӣ» инъикоси худро пайдо кардаанд. Амалкарди ин Барнома соли 2025 ба итмом мерасад. Ин тақозо менамояд, ки ҷиҳати баҳрабардории хуб аз он дар Тоҷикистон саъю талоши қобили назар бояд сурат бигирад.

- **исбот шудааст,** ки таҳқиқи фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созмони ҳамкории исломӣ ба он мусоидат менамояд, ки равандҳои ҳамгироӣ дар миёни кишварҳои узви созмон амиқтар омӯхта шаванд ва масъалаи мақом ва нақши «омили исломӣ» дар ҷаҳони муосир аз нигоҳи илмӣ арзёбӣ гардад.

- **ҷорӣ намудани** курси махсус бо номи «Дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, ки мутахассисонро дар самти

таърих, сиёсатшмносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ омода мекунанд, муҳим мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок карда шудааст, ки** хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд барои сохторҳои марбутаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парламенти кишвар, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилоту муассисаҳое, ки ба фаъолияти байналмилалӣ машғуланд, муфид бошад. Имкон дорад, ки маводди диссертатсия дар рафти минбаъдаи омӯзиши ин проблемаи илмӣ ва тадриси курсҳо доир ба таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати ҷаҳонӣ, геополитика ва этнополитология истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** таҳлилу таҳқиқи таърихи ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар охири асри XX – ибтидои асри XXI сурат гирифтааст. Мушаххас гардидааст, ки Созмони ҳамкории исломӣ дар байни ташкилотҳои байналмилалӣ яке аз созмонҳои хеле печида ва пурихтилоф маҳсуб меёбад. Он созмони динӣ нест, зеро ба ҳайати он кишварҳое шомиланд, ки низоми сиёсиашон ё ба ҳуқуқи исломӣ асос ёфтааст ва ё дунявӣ мебошанд.

- **баён шудани** фаъолияти Тоҷикистон дар доираи Созмони ҳамкории исломӣ дар тули солҳои 1992–2022 имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ дар ин давра таҳқиқ ва ошкор шаванд. Ин нукта чунин шарҳ дода мешавад, ки накши байналмилалии ҳар як кишвар аз рӯи ҷалби он ва мавқеи фаъолаш дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, муайян мегардад. Ширкат дар созмонҳои байналмилалӣ дар пешбурди рӯзномаи байналмилалии Тоҷикистон ёрӣ мерасонад, аз ҷумла дар татбиқи ташаббусҳои минтақавӣ ва глобалӣ, ки талаботи дохилӣ низ доранд.

- **ошкор гардидани** масъалаи хоссе, ки дар раванди ҳамкориҳо дар доираи Созмони ҳамкории исломӣ дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба вуҷуд омад, ин мушаххас кардани навъи равобити мутақобила бо кишварҳои узви ин созмон мебошад. Имрӯз равобити Тоҷикистон аз ҳадди болои эътимоди кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ бархӯрдор аст. Ин ба манфиати раҳбарони сиёсии бештаре аз кишварҳои узв аст. Аҳдофи баъзе аз ин кишварҳо то ҳол номуайян боқӣ мондааст. Барои ин Тоҷикистонро зарур аст, то бо аъзои СҲИ равобиташро ба таври баробар бо неруҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар ин кишварҳо ҳифз намояд.

- **омӯхта шудани** мушкилот ва ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар охири асри XX — ибтидои асри XXI муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро тамоюлҳои асосии рушди ин ҳамкориҳо дар қаринаи сиёсати «дарҳои боз» мушаххас шудаанд.

- **аз нав такмил додани** нақшаву барномаҳои сохторҳои марбутаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парламенти кишвар, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилоту муассисаҳое, ки ба фаъолияти байналмилалӣ машғуланд, мусоидат менамояд. Зеро таҳқиқоти диссертатсионӣ паҳлуҳои норушани ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар охири асри XX — ибтидои асри XXI-ро ошкор сохтааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки**: натиҷаҳои он метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масъалаҳои муҳимми таърихӣ ва равобити сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ, тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба давраи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Ҳамзамон, дар раванди такмили фаъолияти ниҳодҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар сохторҳои дахлдор, инчунин, ходимони сиёсӣ, хизматчиёни давлатӣ ва дипломатӣ мусоидат намояд.

- **муайян карда шуданд**, ки Созмони ҳамкории исломӣ ташкилоти байнидавлатии дорои салоҳиятҳои умумӣ буда, тамоми нишонаҳои асосии чунин созмонҳоро дар худ таҷассум кардааст. Созмони мазкур ҳамчун субекти мустақил дар асоси созишномаи байналмилалии бисёрҷониба фаъолият намуда, мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ дар фаъолияти давлатҳои соҳибистиқлол зимни ҳамоҳангӣ ба қонунгузории дохилии онҳо ширкат мекунад.

- **офарида шуд**: заминаҳои ташаккул ва таҳаввули Созмони ҳамкории исломӣ ва таъсири рӯйдодҳои таърихии ба амал омада, ба фаъолияти созмон, бори аввал таҳқиқ шуда, мақоми ин созмон дар низоми муосири равобити байналмилалӣ ва вижагиҳои сохтории он муайян гардида аст.

- **муаррифӣ карда шуд:** густариши равобити иқтисодӣ, молиявию сармоягузорӣ ва равобити байнипарлумонӣ, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои молиявии ҷаҳонӣ дар доираи Созмони ҳамкории исломӣ мавриди баррасии амиқ қарор гирифтааст.

**Баррасии эътимоднокии натичаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки маълумоти дақиқ, муътамадии сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натичаҳои таҳқиқот, ҳачми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои асосии таҳқиқот муҳим мебошанд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натичаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

- **ғоя** дар пояи мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангии Чумҳурии Точикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар охири асри XX ─ ибтидои асри XXI **асоснок шудааст**.

- **истифода шудаанд:** осори олимони Точикистон Т. Назаров, А. Сатторзода, Х.С. Саидов, Р.Ш. Нуриддинов, З.С. Сайидзода, М.М. Абдуллоев, Ф.Н. Салимов, Ф. Умаров, З. Шарифзода, А.А. Сафарализода ва дигарон, муҳаққиқони Осиёи Марказӣ А. Айдашев, Б. Ауелбаев, Т. Максимихина, А.Н. Ботбаев, Б.К. Султонова, Э. Усубалиев, М.Т. Лаумулин, Г. Шимирбаева, Е. Идрисов, С. Бакирдинов, инчунин рисолаҳои диссертатсионии Файёз Муҳаммад Зиёб, М.А. Амонуддин, Ш. Розиқов, У.А. Мансуров, Р.К. Ҳасанов, Э.Ш. Султанов, Е.В. Сидорова, З. Шарипова, В.В. Пчелинтсева дар таълифи рисола мусоидат намуданд.

**муайян шудаанд**, ки ташаккул ва тавсеа, хусусиёт, самтҳои асосӣ, ҳолат, сабабҳои мавчудияти мушкилот дар робитаҳо ва дурнамои муносиботи байниҳамдигарӣ миёни Чумҳурии Точикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ дар даврони истиқлол дар кадом сатҳ қарор доранд.

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои муносибати комилу системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих маъмул – таърихият, пайвастагии хронологӣ ва мантиқии баёни воқеаҳо, масъалагузорӣ, қиёси назарӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо, пайвастагии хронологӣ-мантиқӣ ва равиши омехтаи соҳавӣ кор гирифта шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дарачаи илмӣ** таҳия, асосноккунӣ, коркард ва таҳлили ҳамачонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти шахсии муаллиф мебошад. Инчунин, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тавсифи маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад.

Дар мачлиси 03 июни соли 2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим ба дарачаи илмии номзади

илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 12 нафар (як нафар тариқи онлайн) иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна 3 нафар. Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар (як нафар тариқи онлайн), муқобил – 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Акрамова С.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**
**03.06.2026**